ва сармояи инсонӣ ба меъёрҳо ва шароити рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар пурра мувофиқат намекунад. Дастгоҳи истеҳсолӣ, хусусан саноат, аксаран аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ кӯҳна шудааст, илова бар ин, дар ин ҷо вазни хоси аҳолии машғул, ки маълумоти касбӣ надоранд, хеле назаррас аст. Ҳамаи ин ба он оварда расонд, ки иқтисодиёти кишвар асосан аграрӣ гардид, ки ба рушди инноватсионии хоҷагии миллӣ мусоидат намекунад. Аз ин рӯ, вобаста ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди инноватсионии иқтисодиёт рушди афзалиятноки саноат ва ташаккули иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ дар ҷумҳурӣ дарояндаи наздик аҳамияти махсус дорад, ки ин барои рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон шарти муҳимтарин хоҳад буд. Дар баробари ин, шарти ҳалкунандаи ташаккули иқтисодиёти саноатӣ-аграрӣ васеъ кардани фазои саноатӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мебошад. Муқаррароти дар боло зикршуда аҳамияти муҳими тадқиқоти иқтисодиро, ки бо таҳияи илмии ҷанбаҳои консептуалии рушди инноватсионии иқтисодиёт алоқаманд аст, муайян мекунанд.

**Дараҷаи коркарди масъалаи илмӣ**. Ба масъалаҳои рушди инноватсионии иқтисодиёт ва махсусан таҳияи усулҳои ҳисоб кардани саҳми инноватсионӣ дар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ҳам олимони иқтисоддони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ диққати зиёд медиҳанд.

Масъалаҳои назариявӣ ва методологии рушди инноватсионии иқтисодиёт, ташаккули заминаи меъёрӣ ва системаи миллии инноватсиониро иқтисоддонҳои зерини ватанӣ баррасӣ карданд: академик Раҳимов Р.К., академик Қаюмов Н.Қ., академик Назаров Т.Н., Ш. Раҳимзода, Авезов А.Х., Авезова М.М.Саидмуродзода Л. Ҳ., Комилов С. Ҷ., Кошонова М.Р., Раджабов Р.К., Рауфи А., Ризозода Т.Р., Файзуллоев М.К., Усмонова Т. Ҷ,

Масъалаҳои ташаккули заминаҳо, равишҳои инноватсионӣ, асосҳои иқтисодиёти дониш, арзёбии индексии омодагӣ ба инноватсияҳо, модели инноватсионӣ,

иқтидори инноватсионӣ, ҳосилнокии умумии омилӣ дар корҳои олимони зерини Тоҷикистон инъикос ёфтаанд: Бобоҷонов Р.М., Имомёрбеков Ф.М., Махкамов Б.Б., Мирзоева Е.Ш., Мукимова Н.Р., Муминова Ф. М., Назаров Д.Т., Нормахмадзода Н., Раҷабов Р.К., Раҳимов А.А., Рауфи А., Ризозода Т.Р., Самадов Р.И., Солеҳзода А.А., Ҳакимова М.Ф., Ҳамидова С. Х., Хоналиев Н.Х., Шарифзода Б.М., Юсуфбеков Ю.Р.

Дар таҳқиқи асосҳои назариявӣ-методологии иқтисодиёти инноватсионӣ, таҳияи стратегия ва тактикаи рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ ва системаҳои инноватсионии минтақавӣ, дигаргуниҳои илмӣ-техникӣ олимони зерини хориҷӣ саҳми назаррас гузоштанд: Бездудный Ф.Ф., Березина Л.В., Вертакова Ю.В., Глазьев С.Ю., Горегляд В.П., Дынкин А.А., Ивашковский С.Н., Канева М. А., Киселёва Е.А., Кокурин Д.И., Кондратьев Н.Д., Кудашов В.И., Кузьмина Е.В., Маевский В. И., Нечаева О.Д., Ошкадеров О. В., Полянин А.В., Суворова А.Л., Унтура Г. А., Шевченко С.А., Шишкин А.Ф., Шишкина Н.В. Шоломицкая М.М.

Масъалаҳои назариявии декомпозитсияи афзоиш аз рӯи омилҳои хароҷот ва имконияти баҳодиҳии онҳо, тақсимоти рушди иқтисодӣ ба ҷузъҳои экстенсивӣ, интенсивӣ ва инноватсионӣ, арзёбии саҳми афзоиши ҳосилнокии умумии омилҳо, динамика дар сатҳи соҳаҳо ва иқтисодиёт дар маҷмӯъ аз ҷониби олимони хориҷӣ, ба монанди Астафьева Е., Бессонов В.А., Воскобойников И.Б., Жарков В.И., Калюжный В.В., Кислицын Д.Г., Луговой О., Малкина М.Ю., Матвеева Т.Ю., Некипелов Д., Селищев А.С., Энтов Р. баррасӣ карда шуданд.

Ба олимони хориҷи дур, ки дар таҳияи равишҳои илмии инноватсия ва рушди инноватсионӣ саҳм гузоштаанд, инҳо дохил мешаванд: Э.Абель, Б.Бернанке, Брайн Твисс, Э.Денисон, П.Ф.Друкер, В.Кингстон, Г.Менш, Пол Э.Самуэльсон, Вильям Д. Нордхаус, Х.Риггс, Н.Ю.Сайбель,

Б.Санто, Р.Солоу, Ч.Кобб, П.Дуглас, Й.А.Шумпетер, Э. фон Хиппель.

Дар баробари ин, сарфи назар аз он, ки бисёре аз масъалаҳои рушди инноватсионии иқтисодиёт дар корҳои илмии иқтисодшиносони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос ёфтаанд, бояд қайд кард, ки баъзеи онҳо баҳсбарангез боқӣ мемонанд ва бо сабаби мураккабӣ ва гуногунҷанбаи мушкилоти марбут ба дигаргуниҳои инноватсионӣ, баъзе ҷанбаҳо ҳатто баррасӣ нашудаанд. Аз ин рӯ, ин масъала доираи васеи тадқиқотро талаб мекунад ва аҳамияти назариявӣ ва амалии ин тадқиқоти диссертатсиониро муайян мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ.** Тадқиқоти диссертатсионӣ бо дарназардошти самтҳои асосии дар Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ муайянгардида, ҳуҷҷатҳои асосии барномавии давлатӣ, аз қабили Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон 2020-2025, Самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ ва илмӣ-техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Консепсияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, инчунин корҳои илмии тадқиқотии кормандони Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти илмӣ-тадқиқотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар ташкилотҳои илмӣ-тадқиқотии соҳавӣ таҳия шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади** тадқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии назариявӣ ва методологии сатҳи рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Мақсади дар тадқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда зарурати ҳалли масъалаҳои зеринро муайян кард:

- дар асоси баррасии тадқиқоти илмӣ-назариявии рушди иқтисодиёт аз ҷониби мактабҳои гуногуни иқтисодӣ, зарурати рушди инноватсионии иқтисодиёт, ки бо тамоюлҳои рушди диалектикии ҷомеа, қонуниятҳо ва қонунҳои объективии иқтисодӣ вобаста аст, бо назардошти тағйирёбии тарзи технологӣ асоснок карда шавад;

- хусусиятҳои асосии навъи инноватсионии рушди иқтисодӣ ҷудо карда шаванд, ки дар он маҷмӯи омилҳои инноватсионӣ, истифодаи ҳамаҷониба ва мунтазами дастовардҳои илмӣ дар иқтисодиёт аҳамияти муҳим пайдо намуда, ба рушди он дар асоси дастовардҳои илмию техникӣ мусоидат менамояд;

- муносибати назариявӣ-методологӣ ба интихоби меъёри рушди инноватсионӣ асоснок карда шавад - дар кор чунин меъёр арзиши иловашуда ё даромади миллии истеҳсолшуда мебошад; динамика ва сохтори унсур ба унсури арзиши иловашудаи соф дар тамоми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзиши иловашудаи умумии бахшҳои институтсионалӣ, соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодиро арзёбӣ карда шавад;

- усули ҳисоббаробаркунии муайян намудани саҳми бахшҳои институтсионалӣ, соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар афзоиши арзиши умумии иловашуда таҳия карда шавад;

- декомпозитсияи афзоиши арзиши иловашуда аз рӯи омилҳои истеҳсолот (меҳнат ва сармоя) ва ҳосилнокии умумии омилӣ баррасӣ шуда, сатҳи рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзебӣ карда шавад;

- сатҳи рушди иқтидори истеҳсолӣ-техникӣ ва сармояи инсонӣ ҳамчун омилҳои муайянкунандаи рушди инноватсионии иқтисодиёт, ки ба рушди иқтисодӣ дар асоси татбиқи дастовардҳо ва коркардҳои илмию техникӣ мусоидат мекунанд нишон дода шавад;

- ташаккули сохтори оптималӣ ва заминаи илмии таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ ҳамчун омили асосии рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ асоснок карда шавад;

- самтҳои афзалиятноки рушд ва такмили сармояи воқеъӣ ва инсонӣ, инчунин васеъ намудани фазои саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути тиҷоратикунонии дастовардҳои илмию техникӣ, таъсиси корхонаҳои нави коркард бо сатҳи баланди давраҳои технологии истеҳсолот, инчунин рушди намудҳои миёна ва баландтехнологии саноат асоснок карда шаванд.

**Объекти тадқиқоти диссертатсионӣ** маҷмӯи масъалаҳои назариявӣ-методологии рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки раванди рушди диалектикии ҷомеаро дар асоси истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот ташкил медиҳад.

**Мавзӯи (предмети) таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ мебошанд, ки дар раванди таъмини рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ ташаккул меёбанд.

**Фарзияи тадқиқот** ба мавқеи илмии муаллиф асос ёфтааст, ки асосҳои консептуалии рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ афзоиши даромади миллӣ аз ҳисоби ҷузъи инноватсионӣ мебошад. Дар тадқиқоти диссертатсионӣ меъёри ягонаи методологии рушди инноватсионии иқтисодиёт арзиши умумии иловашуда ва афзоиши он тавассути истифодаи донишҳои илмӣ ва техникӣ, ки ба истифодаи самараноки захираҳои иқтисодии ҷомеа ё омилҳои истеҳсолот мусоидат мекунанд, баррасӣ карда мешавад. Бо ин равиш, дар шароити шаклҳои муосири тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва усулҳои ташкили истеҳсолоти ҷамъиятӣ, афзоиши арзиши умумии иловашуда аз ҳисоби саҳми омилҳои истеҳсолот арзёбӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, таҳлили илмии саҳми омилҳои истеҳсолот дар афзоиши арзиши умумии иловашуда дар иқтисодиёти миллӣ баррасии системаи муносибатҳои иқтисодиро бо назардошти ҷузъи

инноватсионӣ дар шакли нишондиҳандаи ҳосилнокии умумии омилӣ (ҲУО) дар назар дорад.

**Асосҳои назариявии тадқиқот** муқаррароти бунёдии таҳқиқоти илмӣ, консепсияҳо, фарзияҳое мебошанд, ки дар асарҳои олимони иқтисоддони ватанӣ ва хориҷӣ оварда шудаанд; равишҳои назариявӣ-методологӣ ва консептуалии рушди инноватсионии иқтисодиёт, муқаррароти бунёдӣ оид ба муайян кардани саҳм дар афзоиши арзиши иловашуда, таҳияи назариявии муайян кардани ҳосилнокии умумии омилӣ.

**Асоси методологии** тадқиқотро усулҳои оморӣ, ба монанди таҳлили омилӣ, усулҳои ҷадвалӣ ва графикии натиҷаҳои тадқиқот ташкил доданд. Дар кори илмӣ таҳлили муқоисавӣ, динамикӣ ва усули декомпозитсия истифода шудаанд. Барои ноил шудан ба ҳадафе, ки дар кори диссертатсионӣ гузошта шудааст ва ҳалли масъалаҳо, усулҳои зерини умумиилмии идрок – таҳлил, синтез, мушоҳида, инчунин усулҳои таҳлили мантиқӣ, оморӣ, системавӣ истифода шуданд. Дар асоси ҷамъбасти эмпирикӣ ва арзёбиҳои экспертӣ кӯшиши таҳқиқи масъалаҳои умумии рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шуд.

**Ба заминаи иттилоотии тадқиқот** инҳо дохил мешаванд: Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои асосии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Паёмҳои солонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оварда шудаанд, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ), қарорҳо ва фармонҳои Ҳукумати ҶТ, маълумоти таҳлилӣ ва оперативии вазорату идораҳои Тоҷикистон, санадҳои қонунгузории Парлумон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои рушди иқтисодӣ ва ислоҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаи ИДМ, баррасиҳои таҳлилии ФБА, БРАО, Бонки Ҷаҳонӣ, маълумоти дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ

нашршуда, ки дар сарчашмаҳои расмӣ ва захираҳои интернетӣ пешниҳод шудаанд, инчунин маводҳое, ки муаллиф дар ҷараёни кори таҳлилӣ ҷамъоварӣ ва ҷамъбаст кардааст.

**Пойгоҳи тадқиқотӣ.** Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи Тадқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2024 иҷро шудааст.

Кор оид ба диссертатсия дар ин давра дар доираи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар самти «Навсозии механизмҳои рушди иқтисодӣ дар заминаи табдил додани иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ» ва «Масъалаҳои назариявӣ-методологии рушди инноватсионии иқтисодиёти Тоҷикистон», инчунин дар доираи мавзӯи илмии, ки дар «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» инъикос ёфтааст, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2015 № 354 тасдиқ шудааст, «Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 № 642 тасдиқ шудааст, «Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 263 тасдиқ шудааст, оид ба муайян намудани меъёр ва нишондиҳандаҳои рушди инноватсионии иқтисодиёт, таҳқиқи динамика ва сохтори арзиши иловашуда, саҳми бахшҳои институтсионалӣ, соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар афзоиши арзиши умумии иловашуда, декомпозитсияи афзоиши арзиши иловашуда аз рӯи омилҳои истеҳсолот, сатҳи рушд ва такмили омилҳои истеҳсолот ва сохтори таҳияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ, инчунин оид ба масъалаҳои пешгуфтор ва афзалиятҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти Тоҷикистон, гузаронида шуда буд.

**Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ** аз асоснок кардани равиши назариявӣ-методологии рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ ва муайян кардани сатҳи рушди он, ошкор кардани ҷанбаҳои назариявии навъи инноватсионии рушди иқтисодӣ, инчунин ташаккули самтҳои асосии афзалиятноки рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Умуман, навгониҳои тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаррароти зерин бармеоянд:

1. Дар натиҷаи баррасии интиқодӣ аз ҷониби мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ҷанбаҳои назариявии рушди инноватсионии иқтисодиёт муайян карда шуд, ки зарурати рушди инноватсионии иқтисодиёт бо тамоюлҳои рушди диалектикии ҷомеа, қонуниятҳо ва қонунҳои объективии иқтисодӣ вобаста аст. Истифодаи равишҳои назариявӣ дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки рушди инноватсионии иқтисодиёт зиддияти асосии ҷомеаро байни эҳтиёҷоти бепоён ва захираҳои маҳдуд дар сатҳи нави баландтари технологӣ «ҳал мекунад». Дар робита ба ин, дар тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда мешавад, ки дар рушди иқтисодии кишвар рушди инноватсионии иқтисодӣ бояд нақши ҳалкунанда дошта бошад.

2. Муайян карда шуд, ки яке аз хусусиятҳои умумии рушди иқтисодии муосир гузариш ба намуди инноватсионии рушди иқтисодӣ мебошад. Он имкон медиҳад, ки имконият ҳои бузург ва афзалиятҳои иқтисоди бозорро пурра истифода бурда, дар ҳалли масъалаҳои бузурги иҷтимоию иқтисодӣ қадами назаррас пеш гузошта шавад. Дар робита ба ин, ҷанбаҳои зерини назариявӣ ва амалии гузаронидани иқтисодиёт ба намуди инноватсионии рушд ҷудо карда шудаанд: якум, омилҳои сифатӣ, инноватсионӣ ва тамоми маҷмӯи онҳо аҳамияти ҳалкунанда доранд; дуюм, рушди ҳамаҷониба ва системавии пешрафти илмию техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии иқтисодии он; сеюм, аҳамияти афзоиши истифодаи оқилона ва сарфаи бевоситаи

захираҳо, на танҳо ҳамчун омили муҳими афзоиши истеҳсоли маҳсулот, балки ташаккули соҳаҳои нави баландтехнологии иқтисодиёт ва тағйироти прогрессивии сохтори он; чорум, истифодаи навовариҳои ба ҳам алоқаманд дар раванди ягонаи технологӣ; панҷум, баровардани иқтисодиёти кишвар ба сатҳи баландтари рушди технологӣ.

3. Интихоби меъёри рушди инноватсионии иқтисодӣ дар шакли арзиши иловашудаи умумӣ ё даромади миллии истеҳсолшуда дар иқтисоди миллӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудааст, ки афзоиши он ҳам тавассути омилҳои микдорӣ ва ҳам сифатии истеҳсолот дар шакли донишҳои илмӣ ва техникӣ ба даст оварда мешавад, ки дар ниҳоят ба муваффақият дар бозор оварда мерасонад. Бори аввал дар адабиёти иқтисодии ватанӣ ба динамика, сатҳ ва сохтори элементии арзиши умумии иловашуда аз рӯи бахшҳои институтсионалӣ, соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар иқтисоди миллии Тоҷикистон баҳо дода шуд. Муайян карда шуд, ки таҳти таъсири омилҳои гуногуни инноватсионӣ суръати афзоиши арзиши умумии иловашуда дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти ғайрихаттӣ дорад, ки бо самаранокии гуногуни истифодаи захираҳои иқтисодии ҷомеа ё омилҳои истеҳсолот дар шароити шаклҳои муосири тақсимоти ҷамъиятии меҳнат ва усулҳои ташкили истеҳсолоти ҷамъиятӣ алоқаманд аст.

4. Усули методӣ-ҳисобкунии муайян кардани микдори саҳми бахшҳои институтсионалӣ, соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар афзоиши арзиши умумии иловашуда пешниҳод карда шудааст, ки тағйироти охиринро аз ҳисоби таъсири ҳар як сохтори институтсионалӣ нишон медиҳад. Ин усул бо сабаби он пешниҳод карда шуд, ки баррасии манбаъҳои дастраси ватанӣ ва хориҷӣ нишон дод, ки дар адабиёти иқтисодӣ дар бораи афзоиши арзиши умумии иловашуда дар иқтисодиёт ақидаи ягона вуҷуд надорад.

5. Усули методологӣ-ҳисоббаробаркунии муайян кардани таъсири омилҳои истеҳсолот (меҳнат ва сармоя) ва саҳми

ҳосилнокии умумии омилӣ ба афзоиши арзиши умумии иловашуда дар иқтисодиёти миллӣ дар асоси функсияи истеҳсолии Кобб-Дуглас, ки дар шакли суръати афзоиш аз нав навишта шудааст, пешниҳод карда шуд. Декомпозитсияи омилҳои афзоиши арзиши софи иловашуда дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

6. Исбот шудааст, ки яке аз омилҳои асосии рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ сатҳи рушд ва такмили сармояи воқеӣ (физикӣ) ва инсонии кишвар мебошад. Дар тадқиқоти диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки азбаски рушди заминаи моддию техникии рушди инноватсионии иқтисодиёт зарурати навсозии дастгоҳи истеҳсолии мавҷудаи иқтисодиётро ва таъсиси корхонаҳои навро, ки аз техника, технология ва шаклҳои пешрафтаи ташкили меҳнат ва истеҳсолот истифода мебаранд, пешбинӣ мекунад, вазифаи аввалиндараҷа дар раванди татбиқи ҳадафи чоруми миллии рушди кишвар - саноатикунонии босуръат сармоягузории васеъ ба навсозии сармояи асосии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Инчунин дар асоси таҳлили динамика, сохтор, сифат ва дараҷаи истифодаи ҷузъи муҳими рушди инноватсионии иқтисодиёт – қувваи корӣ, асоснок карда шудааст, ки дар робита ба иқтисодиёти Тоҷикистон, ки хусусияти он изофаи захираҳои меҳнат мебошад, ҳалли масъалаҳои тавсеаи шуғли пурмаҳсул, баланд бардоштани сатҳи таҳсилоти қувваи корӣ, ба рушди инноватсионии иқтисодиёт мусоидат хоҳад кард.

7. Зарурати ташаккули сохтори оптималӣ ва заминаи илмии таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ ҳамчун омили муҳимтарини рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ асоснок карда шуд. Нишон дода шудааст, ки набудани механизми муосири тиҷоратикунонии таҳқиқоти мавҷудаи илмӣ дар кишвар ва таъсирпазирии сусти иқтисодиёти миллӣ ба навовариҳо ба коҳиши ҳиссаи таҳияҳои илмию техникӣ оварда мерасонад, ки ин ба рушди инноватсионии иқтисодиёт мусоидат намекунад.

8. Самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд, ки афзоиши ҳиссаи ҷузъи инноватсиониро дар арзиши умумии иловашуда муайян менамоянд. Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки ин афзалиятҳо бо: а) баланд бардоштани сатҳи рушди иқтидори кадрӣ ва истеҳсолӣ-техникии иқтисодиёти кишвар; б) такмили сохтори сектории коркардҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ; в) зарурати васеъ намудани фазои саноатӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҳисоби рушди соҳаҳои анъанавии асосии хоҷагии халқ, рушди босуръати соҳаҳои миёна ва баландтехнологии истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ташкили корхонаҳои нав оид ба коркарди захираҳои ашёи хоми минералӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ.

**Муқаррароти асосӣ, ки дорои афзоиши донишҳои илмӣ мебошанд ва барои ҳимоя бароварда мешаванд:**

- зарурати рушди инноватсионии иқтисодиёт, ки бо тамоюлҳои рушди диалектикии ҷомеа, қонуниятҳо ва қонунҳои объективии иқтисодӣ вобаста аст, асоснок карда шудааст;

- ҷанбаҳои назариявии навъи инноватсионии рушди иқтисодӣ дар асоси хусусиятҳои умумии рушди иқтисодии муосир муайян карда шуданд;

- равиши консептуалии муайян кардани меъёри рушди инноватсионии иқтисодиёт пешниҳод карда шуд, ки ҳамчун афзоиши арзиши умумии иловашуда дар иқтисодиёти миллӣ, ки аз ҳисоби истифодаи самараноки омилҳои истеҳсолот ва донишҳои илмию техникӣ амалӣ карда мешавад, баррасӣ карда мешавад;

- саҳми бахшҳои институтсионалӣ, соҳаҳо ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар афзоиши арзиши иловашудаи умумӣ бо ёрии усули методӣ-ҳисобкунӣ асоснок ва миқдоран муайян карда шудааст;

- бо ёрии функсияи истеҳсолии Кобб-Дуглас, ки бо суръати афзоиш ҳисоб карда мешавад, саҳми омилҳои

истеҳсолот (сармоя ва меҳнат) ва ҳосилнокии умумии омилӣ дар афзоиши арзиши умумии иловашуда дар иқтисодиёти миллӣ муайян карда мешавад;

- зарурати рушд ва такмили заминаи моддию техникӣ ва сармояи инсонӣ ҳамчун шароити муайянкунандаи рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ асоснок карда шудааст;

-зарурати ташаккули сохтори оптималии таҳқиқоти бунёдӣ, амалӣ ва коркардҳои илмию техникӣ, ки барои рушди инноватсионӣ ва такмили иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти хоса доранд, баррасӣ гардид;

- тавсияҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи саноатии рушди кишвар таҳия шудаанд, ки масъалаҳои васеъ кардани фазои саноатиро тавассути бунёди корхонаҳои нав дар асоси техника, технология, шаклҳои нави ташкили истеҳсолот ва меҳнат дар бар мегиранд.

**Аҳамияти назариявии натиҷаҳои тадқиқот** аз рушди муқаррароти назариявӣ-методологии рушди инноватсионии иқтисодиёт ва асоснок кардани меъёри баҳодиҳии он, истифодаи усули методӣ-ҳисоббаробаркунии муайян намудани саҳми омилҳои истеҳсолот ба афзоиши арзиши умумии иловашуда ва бо усули боқимонда муайян намудани ҳосилнокии умумии омилӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Аҳамияти амалии** рисола аз он иборат аст, ки хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба ин тадқиқот имкон медиҳанд, ки самтҳои мушаххаси рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шаванд, афзалиятҳои асосии сиёсати инноватсионии иҷтимоию иқтисодии давлат таҳия ва амалӣ карда шаванд ва ба ин васила рушди иқтисодии хоҷагии миллии кишвар дар давраи дарозмуддат таъмин карда шавад. Натиҷаҳои кори илмӣ метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳо ва стратегияҳои миллии рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд, дар раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии иқтисодии касбӣ

ҳангоми таълим додани фанҳои «Назарияи иқтисодӣ», «Иқтисодиёти миллӣ» ва ғайра истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти** кори илмӣ бо истифодаи равишҳои методии назарияи иқтисодӣ, усулҳои системавӣ ва мантиқӣ ба мавзӯи таҳқиқшаванда; фаҳмиш ва таҳлили маводи таҳлилӣ (ҷамъоварӣ, коркард, сохторсозӣ, таҳлили маълумоти оморӣ), нашрияҳои илмӣ ва ҳисоботи созмонҳо ва иттиҳодияҳои байналмилалӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъмин карда мешавад; бо усулҳои методӣ-ҳисоббаробаркунии коркарди иттилооти оморӣ; истифодаи дурусти усули таҳлили функсионалӣ тавсиф карда мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳои ин тадқиқоти диссертатсионӣ дар асоси таҳлили илмии массиви зиёди манбаъҳои илмӣ ва тадқиқоти таҳлилӣ оид ба масъалаҳои рушди инноватсионии иқтисодиёт ба даст оварда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Самти тадқиқоти диссертатсионӣ ба муқаррароти асосии Шиносномаи ихтисоси КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 5.2.1 Назарияи иқтисодӣ: банди 1. Иқтисоди сиёсӣ - самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ; ҳамкории қувваҳои истеҳсолӣ, шаклҳои иқтисодӣ, усулҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои институтсионалӣ; сохтор ва қонуниятҳои рушди муносибатҳои иқтисодӣ; таъсири усулҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳо ва институтҳои иқтисодӣ; омилҳои инноватсионии тағйирёбии иҷтимоию иқтисодӣ; назарияи иқтисодиёти «иттилоотӣ», «постиндустриалӣ» ва «иқтисодиёти ба дониш асосёфта»; банди 1.3. Назарияи макроиқтисодӣ: назарияи рушди иқтисодӣ; назарияи ҳисобдории миллӣ. Ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба равандҳои макроиқтисодӣ); банди 1.4. Назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва эволютсионӣ – назарияи эволютсионии динамикаи иқтисодӣ; банди 2.4 принсипҳо ва усулҳои тадқиқоти иқтисодӣ–назариявӣ; банди 2.9. тадқиқоти муқоисавии иқтисодӣ, мувофиқат мекунад

**Саҳми шахсии довталаб дар тадқиқот.** Тадқиқоти диссертатсионии барои ҳимоя пешниҳодшуда тадқиқоти комплексии илмӣ мебошад, ки муаллиф мустақилона, мувофиқи мақсад ва вазифаҳои диссертатсия иҷро кардааст. Саҳми шахсии муаллиф аз иштироки бевоситаи ӯ дар ҳар як марҳилаи тадқиқот иборат аст – аз асоснок кардани аҳамияти мавзӯъ, таҳияи муқаррароти назариявӣ ва методӣ то инъикоси хулосаҳои илмӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои асосии он дар нашрияҳои илмӣ ва гузоришҳо дар конфронсҳо. Саҳми шахсии муаллиф аз ҷамъбасти равишҳои назариявии рушди эволютсионии иқтисодиёт, ки бо тамоюлҳои рушди диалектикии ҷомеа, инчунин қонунҳои объективии иқтисодӣ вобастаанд, иборат аст. Дар робита ба ин, муаллиф нақши ҳалкунандаи рушди инноватсионии иқтисодиёт ва гузариш ба намуди инноватсионии рушди иқтисодиро қайд мекунад. Асосноккунии назариявии интихоби меъёри рушди инноватсионии иқтисодиёт дар шакли арзиши иловашуда ба муаллиф имкон дод, ки усули методӣ-ҳисобкунии муайян кардани миқдори саҳми ҳар як омилро дар афзоиши он истифода барад ва инчунин дар асоси функсияи истеҳсолии Кобб-Дуглас, ки бо суръати афзоиш ҳисоб карда шудааст, декомпозитсияи омилҳои истеҳсолотро ба вуҷуд орад. Ин ба муаллиф имкон дод, ки саҳми ҳосилнокии умумии омилиро дар афзоиши арзиши иловашуда дар шакли ҷузъи инноватсионӣ арзёбӣ кунад.

**Озмоиши натиҷаҳои тадқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот ва муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар як қатор конфронсҳо ва семинарҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳии илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ (солҳои 2015-2025) Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва баҳои мусбат гирифтанд.

**Нашрияҳо дар мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии назариявӣ-методологии ин тадқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф мунтазам ҳам шахсан ва ҳам дар ҳаммуаллифӣ дар давраи аз соли 2015 то 2025 нашр карда шуданд. Дар мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ ҳамагӣ 50 кори илмӣ нашр шудааст, аз он ҷумла: 25 мақола дар нашрияҳое, ки аз ҷониби

КОА-и назди Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва маорифи Федератсияи Россия тавсия дода шудаанд ва дар пойгоҳҳои байналмилалии иқтибосҳо индексатсия карда мешаванд, 6 монография дар ҳаммуаллифӣ, 2 ҷилди тавсияҳои методии «Назарияи иқтисодӣ» дар ҳаммуаллифӣ, муқаррароти асосӣ дар шакли ҳисоботҳо дар конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда шуданд. Ҳаҷми умумии корҳои илмӣ 283,1 ҷ.ч. ташкил додааст, аз ҷумла саҳми муаллиф 99,9 ҷ.ч.

**Сохтори диссертатсия.** Тадқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 5 боб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни кор 350 саҳифаро ташкил медиҳад, 53 ҷадвал ва 21 расм оварда шудааст. Рӯйхати адабиёт аз 304 манбаъ иборат аст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ

**Дар муқаддима** аҳамияти мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ, дараҷаи таҳияи он, объект ва мавзӯи тадқиқот, ҳадаф, вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, фарзияи корӣ ва навгониҳои илмӣ, инчунин аҳамияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионӣ асоснок карда мешавад.

**Дар Боби 1. «Масъалаҳои назариявӣ-методологии рушди инноватсионии иқтисодиёти миллӣ»** шарҳи масъалаҳои рушди эволютсионии иқтисодиётро мактабҳои асосии иқтисодӣ, ки дар онҳо ҷанбаҳои инноватсионӣ нуктаҳои калидӣ буданд, пешниҳод менамояд.

Дар тадқиқоти диссертатсионӣ қайд карда мешавад, ки намояндагони ҳамаи мактабҳои иқтисодӣ ба масъалаҳои рушди иқтисодиёт диққати махсус дода, сабабҳои «сарвати халқ», асосҳои некӯаҳволии миллатро меҷустанд. Чунин таваҷҷӯҳ ба мушкилоти рушди иқтисодӣ ба ихтилофи асосии иқтисодӣ– ниёзҳои ҷомеа беохир ва захираҳо маҳдуданд, вобаста аст. Аз ин рӯ, истифодаи самараноки захираҳое, ки давлат дорад, ҷанбаи калидии таҳқиқоти мактабҳои гуногуни иқтисодӣ мебошад.

Муаллиф масъалаҳои рушди эволютсионии иқтисодиётро аз ҷониби мактабҳои асосии иқтисодиёт баррасӣ кард ва ин ба ӯ имкон дод, ки шароитҳо, заминаҳо ва омилҳои ба рушди иқтисодӣ ва ташаккули низоми хоҷагидории ба дастовардҳои илмӣ-техникӣ асосёфта таъсиррасонро ошкор кунад.

Мавзӯи омӯзиши меркантилистҳо (А. Монкретен, Т. Манн, А.Л. Ордин-Нащекин, И. Т. Посошков) соҳаи муомилот буд ва онҳо муносибатҳои тиҷоратии байни кишварҳоро сарчашмаи асосии сарват меҳисобиданд. Хидмати меркантилистҳо дар он аст, ки онҳо масъалаҳои меҳнати сермаҳсулро таҳқиқ мекарданд, гарчанде ки ин меҳнати тоҷирон буд, аммо онҳо бори аввал онро ҳамчун шарти асосии рушди иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, новобаста аз он ки кадом шакли истеҳсолоти ҷамъиятӣ бартарӣ дошт, баррасӣ карданд. Инро метавон саҳми ибтидоии меркантилистҳо дар ташаккули асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёт ҳисобид [7].

Тавре ки маълум аст, хидмати физиократҳо (Ф. Кенэ, А.Тюрго, Н. Бодо ва ғайра) дар он аст, ки онҳо мавзӯи тадқиқотро аз соҳаи гардиш ба соҳаи истеҳсолот интиқол доданд. Бо омӯзиши масъалаҳои раванди такрористеҳсолӣ, Ф. Кенэ соҳаи тадқиқотро васеъ кард ва ин равандро на танҳо ҳамчун такрористеҳсоли неъматҳои моддӣ, балки ҳамчун такрористеҳсоли синфҳо, ба ибораи дигар, муносибатҳои истеҳсолӣ пешниҳод кард [5]. А. Тюрго хулосаеро асоснок кард, ки дар баробари рақобати озод, соҳибкории озод қодир аст иқтидори иқтисодии кишварро тақвият диҳад, ба шарте ки он аз ҷониби давлат дастгирӣ карда шавад [4].

Намояндаи мактаби классикии иқтисодӣ А. Смит дар монографияи Худ "The Wealth of Nations" (с.1776) изҳор дошт, ки бо ёрии рақобат на танҳо коҳиши нархҳо барои қонеъ кардани талаботи истеъмолкунандагон ба амал меояд, балки ин корро бояд ба таври оқилона анҷом дод, ки танҳо бо ҷорӣ кардани технологияҳои нав, яъне навоварӣ имконпазир аст [4, с. 59]. Д. Рикардо ба пешрафти техникӣ ҳамчун яке аз омилҳои

рушди иқтисодиёт аҳамияти калон дода, марҳилаҳои зерини истифодаи амалии онро ташаккул дод – истеҳсоли молҳои нав аз соҳибкорон шаклҳои нави ташкили истеҳсолотро талаб мекунад ва бозорҳои нави фурӯши маҳсулотро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, дар сохтори иқтисодиёт тағйиротҳо ба амал меоянд – соҳаҳои нав таъсис дода мешаванд ва соҳаҳое, ки маҳсулоти онҳо дар бозор талабот надоранд, тадриҷан аз байн мераванд [12, с. 839].

Классикҳо хусусияти асосии меҳнатро, ба ғайр аз меҳнати ҷисмонӣ, ихтисос ва дониш медонистанд, ки онҳо низ нарх ё арзиш эҷод мекунанд ва қисми сармояи асосии соҳибкориро ташкил медиҳанд [3]. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки намояндагони мактаби классикии иқтисодӣ асосҳои методологии иқтисодиёти дониш ё иқтисодиёти инноватсиониро гузоштанд.

К.Маркс раванди такрористеҳсолиро баррасӣ карда, на танҳо робитаи байни илм, техника, раванди истеҳсолот ва соҳибкориро муқаррар кард, балки хусусияти нобаробар ё ҷаҳишёбандаи раванди навовариро низ ошкор кард. Инчунин К. Маркс муайян кардааст, ки ҷамъоварии дониш дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ на танҳо ба такмили «низоми мошинҳо» оварда мерасонад, яъне ба ташаккули робитаҳои нав байни илм ва сармояи ҷамъшуда мусоидат мекунад, балки истеҳсоли молҳо ва хидматҳои нав истеъмоли навро ташаккул медиҳад. Яке аз хулосаҳои муҳими назарияи марксистӣ ин аст, ки пешрафти илмӣ-техникӣ ҳамчун ҷузъи муҳими иқтисоди бозорӣ баромад мекунад [6, с. 385-386].

Намояндагони мактаби иқтисодии неоклассикӣ омӯзиши масъалаҳои ҳосилнокии меҳнатро идома дода, дониш ва қобилияти соҳибкориро аз нуқтаи назари як навъ сармоя ва ҳамчун омили рушди иқтисодӣ баррасӣ карданд. Масалан, А. Маршал ба неъматҳои ғайримоддӣ, ки сарвати шахсии инсонро ташкил медиҳанд, ё сармояи шахсии ӯ қобилият, дониш ва малакаи соҳибкорро нисбат додааст. Вай инчунин

сатҳи рушди техника ва ҳосилнокии меҳнатро омилҳои асосии истеҳсолот мешуморид [4, с. 22].

Масъалаҳои тағирёбии давравии фаъолияти илмӣ-техникӣ дар корҳои Н.Д.Кондратьев рушди минбаъда пайдо карданд. Омӯзиши «мавҷҳои калон», махсусан сабабҳои пайдоиш ва давомнокии онҳо, имкон дод, ки эътироф карда шавад, ки сабабҳои муҳимтарини рушди нобаробари иқтисодӣ ин инноватсияҳо мебошанд.

Ҳангоми баррасии рушди даврии иқтисодиёт, ӯ ду шартро ҷудо кард, якум, мавҷудияти кашфиёт ва ихтироот дар кишвар ва дуюм, ин қобилият ё омодагии истеҳсолот барои татбиқи ин кашфиётҳо ва ихтироот мебошад. Н.Д.Кондратев бори аввал масъалаи мавҷудияти шароити иқтисодиро, ки дар кишвар барои истифодаи дастовардҳои илмӣ дар раванди истеҳсолот ташаккул ёфтааст, ба миён гузошт. Ин яке аз шартҳои муҳими раванди инноватсионӣ буд, зеро агар дар кишвар шароити муайян ба вуҷуд наомада бошад, ба ибораи дигар, агар сатҳи рушди истеҳсолот ба истифодаи ихтирооти илмӣ-техникӣ имкон надиҳад, пас ҷорӣ кардани онҳо ба давраи номуайян мавқуф гузошта мешавад. Аз ин рӯ, Н.Д.Кондратев мушкилоти ташаккули муҳити инноватсиониро ба миён гузошт [12].

Тадқиқи масъалаҳои рушди иқтисодӣ дар асоси дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ дар мактабҳои гуногуни иқтисодӣ ва корҳои илмии алоҳидаи муҳаққиқон имкон дод, ки муносибатҳои гуногун ба ин масъала ошкор карда шаванд. Дар ин робита, зарурати умумӣ кардани нуқтаҳои назари гуногун оид ба ин масъала ба миён омад, ки ин корро аввал Ҷ. Шумпетер анҷом дода буд. Вай асосгузори консепсияи мустақил ва яклухти рушди иқтисодӣ, ки ба дастовардҳои илмӣ-техникӣ асос ёфтааст, ҳисобида мешавад. Ба ибораи дигар, ӯ ҷузъи инноватсионии рушди иқтисодиро илман асоснок кард. Пеш аз ҳама, ӯ ба гардиши илмӣ истилоҳот ба монанди «инноватсия», «раванди инноватсионӣ», «омезиши нав»-ро ворид кард. [9, с. 132-133].

Саҳми муҳими неоклассикҳо дар ибтидо ва миёнаи асри XX дар ташаккули ҷузъи инноватсионии рушди иқтисодӣ кӯшиши декомпозитсияи манбаъҳо ва омилҳои рушди иқтисодӣ (Э.Денисон, Р. Солоу, Э. Абел, Б. Бернанке, Ц. Грилихис, Д. Джоргенсон, К. Эрроу, П. Ромер, Р. Лукас ва ғайра) мебошад. Ин ба шумораи зиеди тадқиқоти илмӣ дар ин масъала такон дод [4].

Бо такя ба асарҳои Н.Д.Кондратьев ва Ю.Шумпетер, С. Ю. Глазев исбот кард, ки рушди техникӣ-иқтисодӣ раванди нобаробари рушди эволютсионӣ бо тағйирёбии тарзи технологӣ мебошад. Гузариш ба тарзи дигари технологӣ раванди пайдарпайро ташкил медиҳад – рушди тарзи навбатӣ аз шароити моддии тарзи қаблӣ вобаста аст ва инчунин такмили иқтидори истеҳсолии дар марҳилаи қаблии рушди иқтисодӣ ташаккулёфта ба амал меояд. Ташаккули тарзи нави технологӣ аз бартараф кардани шароити номусоид, ки дар тарзи қаблии технологӣ пайдо мешаванд, оғоз меёбад.

Муаллифи диссертатсия дар асоси баррасии гузаронидашуда хулоса баровард, ки ташаккули иқтисодиёт дар асоси инноватсия раванди эволютсионӣ мебошад, ки дар он, тавре ки С.Ю. Глазев қайд мекунад, ташаккули хоҷагии миллӣ аз шароити сатҳи қаблии рушд вобаста аст ва инчунин беҳтар шудани иқтидори истеҳсолӣ, ки дар марҳилаи қаблии рушди иқтисодӣ ташаккул ёфтааст, ба амал меояд [10].

Академик Раҳимов Р.К. қайд намуд, ки яке аз мушкилоти рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рушди иқтисодиро таъмин менамояд, барои соҳибкорони тиҷоратикунонии инноватсия шароити нокифоя ташаккулёфта мебошад. Дар робита ба ин, сиёсати давлатии инноватсионӣ дар фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ барои истифодаи натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ дар раванди истеҳсолот, инчунин дар ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад [8, с. 201].

Академик Н. К.Каюмов дар яке аз мақолаҳои худ комилан дуруст қайд мекунад, ки «…модели навъи индустриалӣ-инноватсионии рушдро бе мавҷудияти пешгуиҳои ҷиддӣ ва иқтидори кофии кадрӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, технологӣ ва илмӣ ташаккул додан ва амалӣ кардан мумкин нест» [11, с. 48].

Дар навбати худ д.и.и., профессор Усмонова Т.Ҷ. бо такя ба таҳлили тамоюлҳои афзалиятноки рушди иқтисоди ҷаҳонӣ дар шароити муосир марҳилаҳои асосии ташаккули иқтисоди инноватсиониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуд. Дар айни замон, муаллиф дуруст қайд мекунад, ки мавҷудияти заминаҳо барои ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ бо мушкилоти зиёде ва вазифаҳои ҳалнашуда рӯ ба рӯ мешавад [13, с.175].

Дар рафти тадқиқот муайян карда шуд, ки ҳангоми баррасии масъалаҳои назариявӣ ва методологии рушди инноватсионии иқтисодиёт олимони иқтисоддон ба муайян кардани мафҳумҳои «инноватсия», «раванди инноватсионӣ», «фаъолияти инноватсионӣ» равишҳои гуногун доранд. Таҳлили манбаъҳои дастраси ватанӣ ва хориҷӣ дар ин масъала имкон дод, ки таърифи зерини ин мафҳумҳо ташаккул ёбад.

Инноватсия як идеяи бунёдӣ таҳияшуда ё дастоварди илмию техникӣ, ихтироъ ё кашфиётест, ки истифодаи он на танҳо ба баланд бардоштани самаранокии системаи амалкунанда ё афзоиши ҳосилнокии меҳнат оварда мерасонад, балки ба иқтисодиёти кишвар таъсири бузурги эволютсионӣ мерасонад ва ба сатҳи баланди технологии рушд мусоидат мекунад.

Раванди инноватсионӣ маҷмӯи тартиботест, ки ба ташкили ҷорӣ (истифода) ба раванди истеҳсолии инноватсия равона карда шудааст. Ба онҳо пеш аз ҳама заминаи қонунгузорӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инфрасохтори инноватсионӣ, мавҷудияти захираҳои молиявӣ, фондҳои асосии навшуда, мутахассисони баландихтисос дохил

мешаванд. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ин маҷмӯи тадбирҳоро танҳо дар сурате амалӣ кардан мумкин аст, ки агар муҳити соҳибкорӣ барои татбиқи инноватсия дар раванди истеҳсолот омода бошад, ба ибораи дигар, агар аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор талабот ба инноватсия вуҷуд дошта бошад.

Фаъолияти инноватсионӣ ин раванди мустақими истеҳсолӣ барои истеҳсоли маҳсулоти нави инноватсионӣ, иҷрои корҳо ё пешниҳоди хидматҳое мебошад, ки натиҷаи инноватсионӣ мебошанд, инчунин истифодаи усулҳои нави идоракунии раванди истеҳсолот.

Ин пайдарпаии изҳорот тасодуфан қабул нашудааст – идея, ихтироъ, кашф, дастовардҳои илмӣ-техникӣ пай дар пай аз тамоми марҳилаҳо аз соҳаи илм (таҳияҳои бунёдӣ, амалӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавӣ-конструкторӣ) ва чорабиниҳои маъмурӣ-ташкилӣ то ҷорӣ намудани раванди истеҳсолӣ ва фурӯш дар бозор мегузаранд.

Муаллиф муносибати назариявиро барои муайян кардани намуди инноватсионии рушди иқтисодӣ пешниҳод кардааст, ки хусусиятҳои фарқкунандаи он инҳоянд:

якум, истифодаи мунтазами дастовардҳои илмию техникӣ дар ҳама намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, на дар баъзеи онҳо, ки ба рушди доимии иқтисодиёт мусоидат мекунанд;

дуюм, ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ на танҳо дар раванди истеҳсолот, балки дар раванди фурӯши маҳсулот ва ташкили истеҳсолот;

сеюм, тағйироти пешрафтаи сохтори такрористеҳсоли иқтисодиёт ва ташаккули намудҳои нави баландтехнологии фаъолияти иқтисодӣ (биотехнологӣ, иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, автоматикунонии чандир ва ғайра);

чорум, алоқамандӣ, ҳамгироӣ ва ивазшавии навовариҳо дар соҳаҳои гуногуни илм аз рӯи тарҳи ягонаи технологӣ. Ихтироот дар як соҳаи илм имкон медиҳад, ки натиҷаҳои он дар соҳаҳои марбута низ истифода шаванд.

Таҳлили масъалаҳои назариявии марбут ба рушди эволютсионии иқтисодиёт дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ нишон дод, ки методологияи рушди инноватсионии иқтисодӣ ба таҳияи механизмҳои гуногуни системавӣ ва ҳамаҷониба, равишҳои методологӣ барои истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ бо мақсади таъмини рушди иқтисодӣ дар асоси дастовардҳои илмӣ ва технологӣ асос ёфтааст.

Бинобар ин, асосҳои консептуалии рушди иқтисодии инноватсионӣ, ҳамчун системаи назарияҳои илмӣ, ки унсурҳои асосии онҳо масъалаҳои назариявӣ ва методологӣ мебошанд, аз равишҳои илмӣ ва амалӣ ба рушди иқтисоди миллӣ, ки ба инноватсия асос ёфтааст, иборатанд. Дар ин таҳқиқот равишҳои илмӣ муайян кардани мафҳумҳои асосии рушди иқтисодии инноватсионӣ ва усулҳои ҳисоб кардани саҳми инноватсия ба рушди иқтисодиро дар бар мегиранд. Равишҳои амалӣ омӯзиши шартҳо ва афзалиятҳои рушди иқтисодии инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳияи пешниҳодҳо барои ташаккули сохторҳои зарурии институтсионалӣ, ки навовариҳои илмиро дар раванди истеҳсолот амалӣ мекунанд, дар бар мегиранд.

Аз ин рӯ, барои арзёбии сатҳи рушди иқтисодӣ истифодаи як меъёри ягона мувофиқ хоҳад буд. Ин меъёр метавонад натиҷаи ниҳоии фаъолияти иқтисодӣ, яъне ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ё арзиши иловашуда бошад. Бартарии охирин дар он аст, ки он ҳаҷми захираҳои дастрас барои иқтисоди кишварро барои иваз кардани воситаҳои истеъмолшудаи истеҳсолот, инчунин васеъ кардани истеъмол ва афзоиши ҷамъоварӣ тавсиф мекунад. Бартарии дигари баробар муҳими арзиши иловашудаи умумӣ дар он аст, ки онро метавон ченаки саҳми бахшҳои институтсионалӣ, соҳаҳо ва фаъолиятҳои иқтисодӣ дар эҷоди даромади миллии кишвар ҳисобид. Аз ин рӯ, маҳсулоти ниҳоӣ (арзиши иловагӣ) метавонад ҳамчун меъёри ягонаи рушди инноватсионии иқтисодиёт ва афзоиши арзиши иловашудаи

умумӣ метавонад ҳамчун меъёри арзёбӣ истифода шавад, зеро рушди инноватсионии иқтисодӣ ба омили муайянкунандаи тағйироти миқдорӣ, сифатӣ ва сохторӣ дар иқтисодиёт табдил меёбад.

Аз ин рӯ, мо боварӣ дорем, ки истифодаи афзоиши инноватсионии маҳсулоти ниҳоӣ (арзиши иловагӣ) ҳамчун меъёри ченкунии рушди инноватсионии иқтисодиёт ва ба назар гирифтани тамоюлҳои рушд, сохтор ва омилҳое, ки ба суръати афзоиши он таъсир мерасонанд, комилан мувофиқ аст.

**Дар Боби 2. «Таҳлили макроиқтисодии арзиши иловашуда дар заминаи рушди инноватсионии иқтисодиёт»** динамика ва сохтори арзиши умумии иловашуда аз рӯи бахшҳои институтсионалӣ, соҳаҳои иқтисодиёт ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, инчунин дар асоси усули методӣ-ҳисобкунӣ саҳми онҳо дар афзоиши арзиши умумии иловашуда ҳисоб карда мешавад ва декомпозитсияи афзоиши арзиши иловашуда аз рӯи омилҳои истеҳсолот таҳлил карда мешавад.

Дар робита ба ин, афзоиши арзиши умумии иловашуда аз рӯи давраҳои панҷсола барои солҳои 2000-2023 таҳлил карда шуд. Тавре маълумотҳои оморӣ нишон доданд, афзоиши мутлақи ҳаҷми воқеии арзиши иловашуда дар маҷмӯъ дар иқтисодиети Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишондиҳандаҳои зерин ифода карда мешавад. (ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. Суръати миёнаи солонаи афзоиши арзиши умумии иловашуда ва арзиши софи иловашуда, дар %**

| Давраҳо | Арзиши умумии иловашуда | Арзиши софи иловашуда |
|---|---|---|
| 2001-2005 | 9,64 | 6,19 |
| 2006-2010 | 6,87 | 7,93 |
| 2011-2015 | 6,05 | 7,88 |
| 2015-2020 | 6,80 | 6,15 |
| 2021-2023 | 8,80 | 10,35 |

**Манбаъ**: **Ҳисоб карда шуд аз рӯи:** [19, с. 21, 33-37, 53]; [20, с. 21, 43-46, 49]; [21, с. 46, 48]; [22, с. 23, 58]; [23, с. 18, 20, 43].

Дар асоси тадқиқоти диссертатсионӣ оид ба динамика ва сохтори арзиши умумии иловашуда, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2023 ташкил карда шудааст, афзоиши он дар маҷмӯъ дар тамоми иқтисодиёт, инчунин дар бахшҳои институтсионалӣ, соҳаҳои иқтисодиёт ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ мушоҳида мешавад. Дар баробари ин, ҳангоми таҳқиқи давраҳое, ки дар онҳо арзиши умумии иловашуда барои ҳар як унсури сохтории алоҳида ба вуҷуд омадааст, коҳиши ҳисса ва суръати афзоиши истеҳсоли он мушоҳида карда шуд. Ин ба сатҳ ва суръати афзоиши арзиши умумии иловашуда дар маҷмӯъ дар тамоми иқтисодиёт таъсири манфӣ расонд.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини давлат рушди иқтисодӣ мебошад, ки ба баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад. Бо вуҷуди ин, иқтисодиёти босуръат рушдёбанда бо монеаҳои табиии талаботи ниҳоӣ ва маҳдудияти захираҳо рӯ ба рӯ мешавад. Аз ин рӯ, асоси рушди иқтисодӣ бояд имрӯз донишҳои илмӣ, технологияҳои нав, ташкили нави истеҳсолот, ба ибораи дигар, ҷорӣ ва истифодаи самараноки инноватсияҳо бошад.

Таҳлили адабиёти иқтисодии ватанӣ ва хориҷӣ, ки аз ҷониби муаллиф гузаронида шудааст, нишон дод, ки корҳое, ки саҳми бахшҳои институтсионалӣ дар рушди иқтисодиро баррасӣ мекунанд, қариб вуҷуд надоранд.

Дар робита ба ин, дар тадқиқоти диссертатсионӣ барои муайян кардани саҳми бахшҳои институтсионалӣ, соҳаҳои иқтисодиёт ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ба афзоиши умумии арзиши иловашудаи умумӣ истифодаи усули зерини методӣ-ҳисобкунӣ пешниҳод карда шудааст:

$$Im_i = sh_i \times \Delta GAV\ (\%), \qquad (1)$$

дар ин ҷо, $Im_i$ (Impact) - саҳми бахши институтсионалии иқтисодиёт дар афзоиши умумии арзиши умумии иловашуда дар нархҳои муқоисашаванда;

$sh_i$ (share) – вазни хос дар % афзоиши мутлақи арзиши умумии иловашудаи бахши институтсионалии иқтисодиёт дар афзоиши мутлақи арзиши умумии иловашуда дар тамоми иқтисодиёт;

$\Delta GAV$ (%) (gross addition value) – суръати миёнаи солонаи афзоиши арзиши умумии иловашуда дар тамоми иқтисодиёт дар %.

Ҳисобҳои саҳми бахшҳои институтсионалӣ дар афзоиши арзиши умумии иловашуда дар тамоми иқтисодиёт дар маҷмӯъ тамоюли зерин доштанд: суръати миёнаи солонаи афзоиш дар солҳои 2001-2005 9,64%, 2006-2010 6,87%, 2011-2015 6,05%, 2016-2020 6,80% ва 2021-2023 – 8,80%. Ин ба хулосае овард, ки хоҷагиҳои хонагӣ, ки саҳми онҳо дар давраи солҳои 2001-2005 – 6,06 б.ф., 2006-2010 – 4,28 б.ф., 2011-2015 3,81 – б.ф., 2016-2020 – 2,75 б.ф. ва 2021-2023 – 3,98 б.ф. ва корхонаҳои ғайримолиявӣ, ки саҳми онҳо дар солҳои 2001-2005 – 2,26 б.ф., 2006-2010 – 1,87 б.ф., 2011-2015 – 1,32 б.ф., 2016-2020 – 3,43 б.ф. ва 2021-2023 –3,75 б.ф., ташкил дод, саҳми назаррас доранд, ки ин омили муайянкунандаи рушди иқтисодиёт мебошад. Дар баробари ин, нишондиҳандаи манфии саҳми муассисаҳои молиявӣ дар давраи солҳои 2016-2020 (-0,20 б.ф.) ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки ба хонаводаҳо дар давраи солҳои 2011-2015 хизмат мерасонанд (-0.01 фоиз) [19, с. 53]; [20, с. 20]; [21, с. 28, 52-58]; [22, с. 26, 50-56]; [23, с. 38, 43, 44] ба хулосае оварда мерасонад, ки он дар афзоиши арзиши умумии иловашуда ва мувофиқан дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ накши муҳим надорад.

Саҳми саноати истеҳсоли моддӣ дар афзоиши маҷмӯи арзиши иловашуда дар ду давраи аввал нисбат ба саноати хизматрасонӣ камтар буд: дар солҳои 2001-2005 саҳми саноати истеҳсоли моддӣ 3,50 банди фоизӣ, дар ҳоле ки саноати хизматрасонӣ 6,14 банди фоизӣ; дар солҳои 2006-2010 мутаносибан 2,59 банди фоизӣ ва 4,28 банди фоизӣ буд. Аммо, аз соли 2011 сар карда, саҳми саноати истеҳсоли мол

нисбат ба саноати хизматрасонӣ барзиёд будааст. Ҳамин тариқ, дар давраи солҳои 2011-2015 саҳми аввалӣ 3,70 банди фоизӣ, дар ҳоле ки дуввумӣ 2,35 банди фоизӣ; дар солҳои 2016-2020 мутаносибан 4,9 банди фоизӣ ва 1,9 банди фоизӣ; ва дар давраи солҳои 2021-2023 мутаносибан 5,7 банди фоизӣ ва 3,1 банди фоизӣ буд [23, с. 38, 43, 44]; [19, с. 33-37, 53]; [20, с. 43-46, 49]; [22, с. 28, 52-58].

